# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат).

1. Диссертатсияи Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) бахшида шуда, мавриди таҳлили ҳамаҷониба ва амики мафҳум, моҳият ва таснифи судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ ва давлатҳои аъзои он қарор дода шудааст. Мубрамии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки рисола аввалин таҳқиқоти ҳамаҷонибаи назарӣ ва амалӣ доир ба фаъолияти судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ гузаронидани таҳлили муқоисавии судҳои иқтисодии давлатҳои аъзои ИДМ, мебошад. Дар он ба таври муназзам рушди қонунгузории ватанӣ, мафҳум моҳият, таҳлили муқоисавӣ-хуқуқии қонунгузории Тоҷикистон ва давлатҳои аъзои ИДМ дар самти судҳои салоҳияти махсуси баррасикунандаи баҳсҳои иқтисодӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба мавзуи таҳқики диссертатсионӣ, мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Мавзуи таҳқиқотӣ бо дарназардошти тамоюли асосии рушди мақомоти судӣ, ҷустуҷӯи воситаҳои беҳтарини гузаронидани ислоҳоти судӣ бо баҳисобгирии паҳлуҳои нави ошкоргардидаи мусбати ислоҳотҳои гузаронидашуда дар Тоҷикистон аҳамияти хоси илмиро касб мекунад.

2. Диссертатсия ба талаботҳои бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ. ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз ҷониби докторант мустақилона таҳияшуда, сатҳи навгонӣ ва дар шароити ҷумҳурӣ татбиқшаванда буданро дорад. Натиҷа ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ самти ҳуқуқшиносӣ ба таври васеъ истифода шаванд, ки он саҳми бевоситаи докторантро нишон медиҳад.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ ба Шиносномаи ихтисосҳои барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат), ки бо Фармоиши Комиссияи

Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, №10 тасдиқ гардидааст, пешниҳод шудааст, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Диссертант зимни омӯзиши мавзуъ 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои таҳризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст, ки мазмуну муҳтавои таҳқиқотро инъикос мекунанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои докторант баён шудаанд. Теъдоди маводи чопшудаба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

5. Автореферати диссертатсия (гунаи тоҷикӣ ва русӣ) фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Дар диссертатсияи Зокирзода Нодира Иномҷон истифодаи мавод бидуни иқтибос аз муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровада шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истофодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт ташкил ёфта, дар асоси талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва дигар маводи илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттетстсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2024, №493)» таҳия гардидааст. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустакилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

6. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлилҳо, озмоишҳо, дурустии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводи диссертатсия ва мақолаҳо собит карда шудааст. Хулосаву тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи докторант маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз ҷониби у чопгардида, мавҷуд намебошад.

Комиссияи экспертӣ банди 61-уми Низомномаи шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни оли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба роҳбарӣ гирифта,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти

дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи милли Тоҷикистон бо тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя кабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаккиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мувофиқат мекунад, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Одиназода Рамазон Сафар** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, директори Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

– **Абдулхонов Файзалӣ Маҳмудович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар – Муассисаи таҳсилоти олии касбии Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Шарофзода Р.Ш.

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Назаров А.Қ.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ — Шарифзода С.Ш.

Имзоҳои Шарофзода Р.Ш., Назаров А.Қ.
ва Шарифзода С.Ш.- ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ — Шодихонзода Э.Ш.

«30» 03 2026 с.